# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Комилзода Насим Иброҳим дар мавзуи «Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991–2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15-Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих)**

Таҳқиқоти диссертатсионии Комилзода Насим Иброҳим ба яке аз мавзуъҳои муҳим ва мубрами замони муосири бахши илмҳои таърих ва сиёсати хориҷӣ бахшида шудааст. Дар он ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол, равандҳои асосии рушди он дар шароити тағйироти ҷаҳони муосир ва робитаҳои дуҷонибаи кишварҳои минтақа аз лаҳзаи ба даст овардани соҳибихтиёрии сиёсӣ баррасӣ шудааст. Мубрамии мавзуи илмӣ дар он аст, ки то ҳол дар ин масъала таҳқиқоти пурраи илмӣ бо усусли муқоисавӣ иҷро нагардидааст. Муаллиф кушиш намудааст, ки ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистонро ба таври муфассал давоми 30 соли истиқлоли кишварҳо, бо назардошти марҳалаҳои рушд таҳқиқ, таҳлиил ва баррасӣ намояд.

Муаллиф ҳангоми таҳқиқ зиёдтар ба ташаккули сиёсати хориҷии кишварҳо таваҷҷуҳ намуда, нақши Федератсияи Русияро дар татбиқи сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва Қазоқистон таҳлил намуда, инчунини мавқеи кишварҳоро дар таъмини суботи минтақавӣ ва байналмилалӣ ба воситаи роҳандози намудани сиёсати хориҷии бисёрсамтаи давлатҳо мавриди омӯзиш қарор додааст, ки ин мақсади асосии таҳқиқотро ташкил медиҳад.

Автореферат тамоми паҳлуҳои диссертатсияро комилан фаро гирифта, нуктаҳои хоси таҳқиқшуда бо далелҳои амиқ муҳтавои асосии диссертатсияро ташкил медиҳад.

Диссертатсияи Комилзода Н.И. аз муқаддима 3 боб, шаш зербоб, тавсияву хулосаҳо ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад

Муаллиф бо истифода аз манбаъҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ, санадҳои расмӣ ва маводи дипломатӣ таҳаввулоти сиёсати хориҷии Тоҷикистону Қазоқистонро дар доираи муносибатҳои байналмилалӣ таҳқиқ намуда, ба омилҳои муҳиме, ки дар ташаккули ин сиёсатҳо нақш доранд, диққат додааст. Таҳқиқот бо назардошти хусусияти фаромиллии мавзуъ ҳам арзиши назариявӣ ва ҳам аҳамияти амалӣ дошта, барои таҳияи стратегияҳои ҳамкории минтақавӣ ва байналмилалӣ муфид мебошад.

Комилзода Н.И. дар таҳқиқоти худ аз усулҳои таҳлили муқоисавӣ, системавӣ ва геополитикӣ самаранок истифода бурда, раванди ташаккули сиёсати хориҷии ду кишварро ба таври амиқ ва мукаммал баррасӣ намудааст. Арзёбиҳои назариявии таърихшиносон, сиёсатшиносон ва мутахассисони соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ барои таҳкими асосҳои илмии таҳқиқот мусоидат карда, методологияи илмҳои таърихӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ, аз ҷумла усулҳои таърихӣ-муқоисавӣ ва таҳлили дипломатиро ба таври муассир ба кор бурдааст.

Сохтори кори илмӣ пайдарпай ва мантиқӣ таҳия гардида, мавзуъ бо забони равшан шарҳ дода шудааст. Муаллиф омилҳои геополитикӣ, муносибатҳои дипломатӣ ва ҳамгироии минтақавиро мавриди омӯзиш қарор дода, таъсири манфиатҳои қудратҳои ҷаҳониро ба сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва Қазоқистон таҳлил кардааст. Нақши созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар ташаккули ин сиёсати хориҷӣ низ ба таври умумӣ мавриди омӯзиш баррасӣ ва қарор гирифтааст.

Таҳқиқот инчунин нақши шахсиятҳои калидиро дар муайянсозии самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ, таъсиси хадамоти дипломатӣ оид ба робитаҳои байналмилалӣ, инчунин мушкилот ва дурнамои ҳамкории Тоҷикистону Қазоқистонро муфассал баррасӣ намудааст. Муаллиф бо истифода аз манбаъҳои гуногун ва таҳлили амиқи назариявӣ тавонистааст ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии сиёсати хориҷии ин кишварҳоро ба таври возеҳ нишон диҳад.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои муҳаққиқони соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ, таърих, инчунин барои сиёсатмадорон ва коршиносони соҳаи дипломатия муфид бошанд. Ҳамзамон, пажӯҳиши анҷомдодашуда барои таҳияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон ва тақвияти ҳамкориҳои минтақавӣ истифода шавад.

Бо дарназардошти мазмун ва сатҳи илмӣ, метавон хулоса кард, ки автореферат ва диссертатсияи Комилзода Насим Иброҳим дар мавзуи «Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазокистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991–2021)» ба талабот ва меъёрҳои муайяннамудаии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Натиҷаҳои бадастомада дорои арзиши баланди илмӣ ва амалӣ буда, метавонанд дар таҳқиқоти таърихӣ оид ба муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ истифода шаванд. Аз ин рӯ, таҳқиқот пурра ба ихтисоси 07.00.15 мутобиқ буда, муаллиф он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мебошад.

**Муқарриз,**
**н. и. т., дотсент, мудири кафедраи фанҳои гуманитарии**
**Донишгоҳи давлатии молия ва**
**иқтисоди Тоҷикистон** **Насриддинов Х.Н.**

**Имзои Х. Насриддиновро**
**тасдиқ менамоям: Сардори шуъбаи**
**кадрҳо ва корҳои махсуси ДДМИТ** **Мирҷамолов М.А.**

**Суроға: 734067 Тоҷикистон,**
**ш.Душанбе,кучаи Нахимов 64/14**
**Тел(+992-37)2-31-02-01**
**E-mail:Khurshed.nasriddinov@mail.ru**

14.03.2025